*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Нодирхонов Гулназар Гулбозхонович дар мавзуи «Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон ва таъмини амнияти он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амниятии он дар Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Муҳиммияти таҳқиқи мавзуи мазкур дар шароити муосир дар он аст, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон ҷанбаҳои наверо касб намудааст ва мутассифона, то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар ин радиф, муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки таҷрибаи ҷомеасозии муосир собит менамояд, ки дар шароити гузариш аз як низом ба низоми дигари ҷамъиятӣ ва тағйирёбии кулии иҷтимоӣ-фарҳангӣ меъёру омилҳои нави пешравӣ ба миён меояд, ки роҳи пешрафти ҷомеаро муайян мекунад. Барои он, ки ҷомеа ба бӯҳрони амиқ гирифтор нашавад, зарурати мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор додани консепсияҳои ҷомеаи пасосаноатӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд.

Мақсади таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур дар муайян намудани ҷомеаи иттилоотӣ, сатҳи амнияти мамлакат (шахс, давлат, ҷомеа) дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, мушаххас намудани нақши технологияи иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ дар дигаргунсозиҳои фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ, инчунин дараҷаи таъмини амнияти

иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушдёбии ҷомеа дар шароити глобалии замони муосир мебошад.

Объекти таҳқиқот ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир муайян гардида, предмети таҳқиқот бошад масоили хусусиятҳои хоси ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амниятии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тоҷикистон қадамҳои ибтидоии ҷомеаи иттилоотиро гузошта истодааст, ки он ба фаъол гардидан ва истифодаи технологияи гуногуни иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад. Аз ин лиҳоз, мавзуе, ки дар рисола мавриди таҳлили ичтимоӣ-фалсафӣ қарор дода шудааст, аз ҷумлаи он муаммоҳоест, ки дар раванди бунёди давлати миллӣ дар заминаи эҳёи арзишҳои маънавии ҷомеаи суннатии мо аҳамияти бештари ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқотӣ васеъ ба назар мерасад, зеро диссертант ҳангоми омӯзиши мавзуъ аз маҳазҳои илмӣ , рисолаҳои номзадию докторӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ васеъ истифода намудааст.

Сохтори таҳқиқот анъанавӣ буда, он аз муқаддима, ду фасл, шаш зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқи мавзуъ асоснок гашта, омӯзиши масъалаҳои баррасиёбанда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас, объект ва мавзуи таҳқиқоти он, асосҳои назариявӣ ва методологии навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола муайян карда шудаанд.

Фасли якуми рисолаи илмӣ - «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти масоили ҷомеаи иттилоотӣ ва таъмини амнияти он дар илмҳои ҷомеашиносӣ» аз се зерфасл иборат буда, масоили консептуалии категорияҳои «иттилоот», «ҷомеаи иттилоотӣ», «амнияти иттилоотӣ» ва вижагиҳои онҳо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар фасли дуюми рисолаи илмӣ- «Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистони муосир», ки аз се зерфасл иборат аст, ҳамчун предмети таҳқиқот хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили таъмини амнияти иттилоотӣ дар он дар шароити таҳаввулоти глобалии ҷаҳони муосир қарор гирифтааст.

Хулоса ва тавсияҳое, ки дар кор пешниҳод гаштаанд бунёдӣ илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

Якум, дар диссертатсия аз таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ камтар истифода бурда шудааст;

Дуюм, ба кадом назария ва ё консепсияи фалсафӣ наздик будани мавқеи муҳаққиқ равшан мешуд, беҳтар мебуд.

Камбудиҳои номбаршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад.

Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Мудири кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и. ф., дотсент — Абилзода Г.С.

**Имзои н.и.ф, дотсент Абилзода Г.С.- ро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҳомидов Ш. Б.